«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ, доктори илмҳои филологӣ ______ Қаландариён Ҳ. С.
«04» декабри соли 2020

**Тақризи муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи номзадии Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик**

Камол Насрулло ба ҳайси адиби соҳибкалом на танҳо дар даврони муосир, балки дар таърихи татаввури насри форсии тоҷикӣ аз пойгоҳи баланд бархӯрдор аст. Аммо осори ӯ бо пайвастагӣ ба анқарибӣ се даҳаи охир (яъне замони истиқлол) шеваи хоссеро дунбол мекунад, чунонки дар миёни удабои муосири мо назири ӯро камтар метавон ёфт. Мавсуф дар шеърнависӣ роҳи мустақим ва ҳамвор баргузида буд, ки ба осонӣ ва бе ҳеч такаллуф дар он пеш мерафт. Андешаҳои адабиётшиносии Камол Насрулло низ дар солҳои охир басо олимонаанд ва мақолаи «Андар шинохти шеър ва шоир»-и ӯ, ки дар шумораҳои охири рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» мунташир мегардад, гувоҳи ин баҳсанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳар як ҷомеа навъе шуури ҷомеъ мавҷуд аст, ки онро шуури миллӣ унвон кардаанд ва дар адабиёти форсии тоҷикӣ ин масъала тавассути мавзӯи миллӣ-ватандӯстӣ инъикос мегардад. Ҳадафи диссертатсияи мазкур шарҳи нуқтаи назари муаллиф нисбати хусусиятҳои мавзӯиву ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло ва арзёбии дидгоҳҳои ин суханвари шуҳратманди адабиёти муосир мебошад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки бо истифода аз усули тавсифӣ-таҳлилӣ ва методи китобхонаиву оморӣ мавзӯи интихобнамударо таълиф намояд ва пешкаши аҳли илму адаб гардонад.

Натиҷаҳои ин таҳқиқот нишон медиҳанд, ки Камол Насрулло ба вазифаҳои адабиёти замони истиқлол, аз қабили таваҷҷуҳ ба ҳувият, ватану ватандорӣ, ифтихори миллӣ, истиқлоли давлатӣ ва нигоҳ доштани истиқлолият ва тамомияти арзӣ таваҷҷуҳ кардааст. Сабаби интихоб намудани ин мавзӯъ ва маҳз дар ашъори шоири мазкур ба он далел будааст, ки назари Камол Насрулло ба мафҳуми ватандӯстӣ нисбат ба шоирони дигар то андозае тафовут дорад. Замони истиқлолият оғози таҳаввулоти зиёде дар соҳаҳои сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии кишвар буд. Тағйироте, ки дар ин замон дар кишвар рух дод, бевосита ба адабиёти тоҷик низ бетаъсир намонд ва таваҷҷуҳ ба ватан ва андешаҳои миллӣ аз мавзӯъҳои асосии даврони бедорӣ гардид ва шоирони зиёде дар ин замина офаридаҳои худро бахшидаанд. Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки адабиёти замони истиқлол дар мисоли шеъри Камол Насрулло ба арзишҳои фарҳангӣ, ҳифзи забону истиқлолияти миллӣ, бунёди ватану дарки ватандорӣ таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намудааст. Бесабаб нест, ки дар ин рисола муаллиф мавзӯи миллӣ-ватандӯстӣ ва вазифаи он дар шеъри муосир, ҳамчунин ҳифзи арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ ва гиромидошти шахсиятҳои миллию таърихӣ дар ашъори Камол Насрулло баҳс намуда, нишон медиҳанд, ки ашъори ин шоири шинохта дар ҳалли вазифаҳои зикршуда ҷойгоҳи хоссеро касб кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима муаллиф мухтасаран дар бораи муҳим будани таҳқиқи мавзӯъ, аз таърихи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, усулу методҳои таҳқиқ, манбаъҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалии кор, навоварӣ ва муҳимтарин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва татбиқи натиҷаҳои пажӯҳиш дар амалия мулоҳизаронӣ намудааст.

Дар панҷ фасли боби аввал – **«Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Камол Насрулло»** муаллифи диссертатсия дар бораи оғози зиндагӣ ва муҳити хонаводагии шоир, таҳсилоту оғози фаъолияти эҷодӣ, вуруди шоир ба муҳити эҷодӣ, фаъолияти Камол Насрулло дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва дигар

самтҳои адабӣ ва ҳамчунин оид ба таснифоту таълифоти адиб изҳори назар намуда, ба ин васила зиндагиномаи илмии шоирро сомон додааст.

Боби дувуми диссертатсия мусаммо ба **«Хусусиятҳои мавзӯии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** аз ду фасл иборат мебошад. Ҳар як фасл боз дар навбати худ аз чаҳор зерфасл таркиб ёфта, дар онҳо дар бораи бозтоби ватан ва ватандӯстӣ дар ашъори шоир, ватандорӣ ва ифтихори миллӣ, тасвири рӯйдодҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои нохуши он, васфи Ватан дар манзумаи алоҳида бо номи «Ман ту ҳастам, Тоҷикистонам», ибтикороти шоир дар ватансароӣ, ваҳдати миллӣ ва Истиқлоли давлатӣ дар шеъри шоир бисёр хуб таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар се фасли охири боби севум – **«Мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** муаллиф забону тарзи баёни шоирро мавриди баррасӣ қарор дода, дар бораи навпардозиҳои шоирона ва истифодаи санъатҳои мухталифи бадеӣ дар шеърҳои ватандӯстонаи ӯ изҳори назар намудааст.

Бо вуҷуди таҳқиқоти пурарзиши мавҷуда дар бораи ашъори Камол Насрулло, он чизе, ки дар ин бахши рисола оварда шудааст, махсусан дар мавриди масъалаҳои миллӣ-ватандӯстӣ ва шахсиятҳои барҷаставу чеҳраҳои таърихиву адабӣ, то ҳол мавриди баррасии илмӣ қарор нагирифтаанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, то Камол Насруллоро аз нигоҳи ватандӯстиву ватандорӣ бо такя ба андешаву эътиқодоти ӯ дар ашъораш тасвир намояд.

Шоир саъй бар он доштааст, то ҷавонони кишварро аз ҳувият огоҳ бисозад ва муҳаббат ба забону фарҳангу ҳувияти худиро дар онҳо биафрӯзад. Муаллифи диссертатсия ин масъалаҳоро дар шеърҳои алоҳидаи Камол Насрулло таҳлил намуда, хулосаҳои ҷолиб пешниҳод намудааст.

Ҳарчанд Камол Насрулло бештар дар арсаи адабӣ дурахшиду боқӣ монд, аммо узвияти доимии ӯ дар саҳнаи сиёсӣ низ далели равшани эътимоди илмиву фарҳангиву адабии ӯст. Дар диссертатсия ин тарафи масъала низ бори аввал ба риштаи таҳрир кашида шуда, хизматҳои шоёни шоир барои ватану миллат арзёбӣ шудаанд.

Хулоса, ҳадафи муаллифи диссертатсия, ки иборат аз баррасии андешаҳои шоир дар масъалаҳои ваҳдати миллӣ, ҳифзи истиқлолияту тамомияти арзӣ, ҳифзи фарҳанги милливу арҷгузорӣ ба шахсиятҳои гузаштаву муосири милливу таърихист, дӯст доштани Ватану ифтихор аз ватандорӣ будааст, метавон гуфт, ки ӯ комилан муваффақ шудааст.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия бо фишурдаҳои ба забонҳои тоҷикиву русӣ мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро бо мақолаҳои таълифнамудаи диссертант пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсия дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуктаҳои баҳсталабро низ дорад, ки ислоҳашон боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажӯҳишоти минбаъда хоҳад буд:

1. Хусусияти тавсифии кор арзиши бадеии диссертатсияро нисбат ба арзиши илмии он афзудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф қисмате бо номи “Заминаҳои назариявии таҳқиқот” илова менамуд ва дар он лоақал дар бораи образи ватан ҳамчун падидаи маънавӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ изҳори назар менамуд.
2. Маълум аст, ки ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Камол Насрулло ду давраи мухталиф – замони шӯравӣ ва даврони соҳибистиқлолиро дар мегирад. Арзиши илмии корро, албатта, таҳлили фарқияти тасвирҳои Ватан дар ашъори шоир дар чиҳил соли аввали зиндагӣ дар собиқ Давлати Шӯравӣ ва сӣ соли охир дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (*таҳаввули образи ватан*) бештар менамуд.
3. Равшан аст, ки дар ҷомеашиносии фарҳанг, ки рабти мустақим бо адабиётшиносӣ дорад, самти аз ҳама камтар рушдёфта ин таҳлили илмии ташаккул, ҳифз ва интиқоли образи Ватан мебошад. Шояд ба нафъи кор мебуд, агар муаллиф дар зербоби алоҳида бо такя ба ашъори шоирони дигар ва дар муқоиса бо осори Камол Насрулло ба ин мавзӯъ андаке таваҷҷуҳ мекард.

Ин камбудиҳо ба ҳеч ваҷҳ арзиш ва аҳамияти диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Диссертатсияи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи «Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол

Насрулло» ба асоси меъёрҳои муқарраргардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақриз аз ҷониби мудири шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшон, номзади илми филология Абдулназаров Абдулназар Абдулқодирович тартиб дода шуда, дар ҷаласаи васеи шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ баррасӣ гардида, ба тариқи овоздиҳии кушода аз тарафи кулли аъзои шуъба қабул гардид ва бо қарори № 7 аз 04 декабри соли 2020 тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 11 нафар устодон иштирок дошта, 11 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 11 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири шуъбаи фолклор ва адабиёти**
**Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии**
**ба номи академик Б.Искандарови АМИТ,**
**номзади илми филология** **Абдулназаров**
**Абдулназар Абдулқодирович**

**04.12.2020**

**Нишонӣ:**
**736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ,**
**ш.Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров 12.**
**Почтаи электронӣ: abdulnazar9416@gmail.com**
**Телефон: (+992) 934060804**

**Ташхисгар:**
**Сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти**
**Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии**
**ба номи академик Б.Искандарови АМИТ,**
**доктори илми филология** **Охониёзов Варқа Дӯстович**

**Нишонӣ:**
**736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ,**
**ш.Хоруғ, кӯчаи У.Холдоров 4.**

**Почтаи электронӣ: shuwoz@mail.ru**
**Телефон: (+992)  935343846**

**Котиби ҷаласа:**
**Ходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ** **Қурбонхонова Нуриҷаҳон Мирасановна**

**Имзои Абдулназаров А.А., Охониёзов В.Д. ва Қурбонхонова Н.М.-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори шуъбаи кадрҳои Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ** **Назаршоева Ч.Р.**